**Кумитаи**
**ҳифзи муҳити зисти**
**назди Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Комитет**
**охране окружающей**
**среды при Правительстве**
**Республики Таджикистан**

# ИҶОЗАТНОМА (ЛИТСЕНЗИЯ) МПХ № 0000322/14

***фаъолият оид ба ҳуқуқи ҷамъоварӣ, истифодабарӣ, безараргардонӣ, кашонидан ва ҷойгиркунонии партовҳои хатарнок***

Дода шуд ба (Дано) НБО-и "Сангтуда-1" ноҳияи Данғара
Рақами қайд (Номер регистрации): **№38** ***аз (от)«27 декабри соли 2019***
Суроға (Адрес): ***Ҷумҳурии Тоҷикистон,* ноҳияи Данғара, вилояти Хатлон**
Рақами мушаххаси андозсупоранда (Номер налогоплательщика):
***РМА №2200043250963 аз 15.12.2008с***
Ҳуқуқ барои фаъолият оид ба муносибат бо партовҳои хатарнок дар самти: (Право на деятельность обращения с опасными отходами по направлениям):
***фаъолият оид ба кашондан, ҷойгиркунӣ, нобудкунӣ ва безараргардонии партовҳои хатарнок***
Қарори комиссияи иҷозатномадиҳӣ ***№6 аз 27 декабри соли 2019***
Талаботи асосӣ (Основные требования): ***ҳангоми муомилот бо партовҳои хатарнок талабот, меъёр ва қоидаҳои санитарию экологӣ қатъиян риоя карда шавад.***
Рақами бақайдгирӣ ва рӯзи додани иҷозатнома (Номер регистрации и дата выдачи лицензии): ***№38 аз (от) «27» декабри соли 2019***
Мӯҳлати амали иҷозатнома (Срок действия лицензии): ***панҷ сол***
**аз (от)** ***«27» декабри соли 2019*** **то (до)** ***«27»декабри соли 2024***
Дарозкунии мӯҳлати амали иҷозатнома (Срок продления действия лицензии):
аз (от) «__» ________ 20__ то (до) «__» ________20__

Ҷ.М (М.П)
Раис
Председатель Гулмаҳмадзода Д. Қ

№ 0000322

# КУМИТАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ЭКСПЕРТИЗАИ ДАВЛАТИИ ЭКОЛОГӢ

734034, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Шамсӣ, 5/1.
тел: 2359583, 2359577, факс:2361353;

№ 285-15
«17» 02 с.2020.

Тасдиқ мекунам:
Сардори Экспертизаи
давлатии экологӣ
________ Маҳмадуллоев Х. Р.

## ХУЛОСАИ
### Экспертизаи давлатии экологи

*Маълумотхои умумӣ*

1. *Номи иншоот*: Партовгоҳи партовҳои сахти маишӣ.
2. *Мавкеъи чойгиршавии иншоот:* маҳаллаи Сангтудаи ноҳияи Данғара.
3. *Хуччатхои пешниходшуда*: Дархост барои гузаронидани экспертизаи экологӣ, ҳисоботи Раёсати саридораи геологии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маводҳо оид ба арзёбии таъсаррасонӣ ба муҳити зист.
4. *Дархост ва пешниходкунандаи хуччат, лоиха*: ҶСК «Сангтуда-1»
5. *Санаи кабули хуччат*: 25.12.2019.

Экспертизаи давлатии экологии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи ҶСК«Сангтуда-1»-и ноҳияи Данғараро оид ба ҷамъоварӣ, кашонидан, ҷойгиркунӣ ва безараргардонии партовҳои истеъмолӣ ва истеҳсолӣ, ҷиҳати гузаштан аз экспертизаи давлатии экологӣ баррасӣ намуд.

Чи тавре, ки омӯзиши ҳисоботи пешниҳодшуда бармеояд, ноҳияи Данғара дар қад-қади шоҳроҳи Душанбе-Кӯлоб, 110км қисмати ҷанубу шарқии шаҳри Душанбе ва 2км аз стансияи роҳи оҳан воқеъ гардидааст. Ноҳияро як қатор қаторкӯҳҳои системаи Помиру Олой-Вахш (аз шимол), Терикдитау (аз ҷануб) ва Санглок (аз ғарб) иҳота кардаанд. Аҳолии ноҳия асосан ба кишоварзӣ машғуланд. Саноат ру ба тараққӣ ниҳодааст. Дар ҳудуди ноҳия корхонаҳои коркарди пуст, истихроҷ ва коркарди маводи инертӣ, заводи хишт, пахтатозакунӣ, заводи нон, орд ва фабрикаи насоҷӣ фаъолият доранд. Тибқи нақша дар ҳудуди ноҳия яке аз калонтарин корхонаи нассоҷӣ бунёд ёфта истодааст.

Ноҳия дар водии дарёи Вахш бунёд ёфтааст. Масоҳати ноҳия 2009,9 км.кв-ро ташкил мекунад.

Иқлими ноҳия чун тамоми Тоҷикистн континенталӣ буда, тобистонаш гарми дароз ва зимистонаш нисбатан мулоим аст. Ҳарорат дар доираи $+36^0C$

то $-15^0C$ ифода меёбад. Боришот ба ҳисоби миёна 400-500мм-ро ташкил мекунад. Дар ҳудуди ноҳия майдони васеъи ҷангалзор доман паҳн намудааст.

Қитъаи замини интихобшуда бароиҷойгиронии партовҳои истеъмолӣ ва истеҳсолӣ аз аҳолии минтақа ва кормандони корхонаи мазкур ҳосилшаванда пешбинӣ гардидааст.

Релефи маҳал нисбатан ҳамвор аст.

Талаботҳои ҷойгиронии партовҳо дар партовгоҳ чунин аст:

Барои ҷойгиронии партовҳои сахти маишӣ дар партовгоҳи мазкур масоҳати замин ба андозаи 175 x 10 x 4 метр кофта шуда, хоки он барои рӯйпуш намудани ғарами партовҳои қисми партовгоҳ истифода карда мешавад.

Қисме аз хоки гирифташуда дар қисми ҷанубу шарқии партовгоҳ барои ташкили хати мухофизатии иловагӣ аз сойи селпарто дар холате, ки сели он самти ҷараёнашро иваз мекунад, ҷойгир карда мешавад.

Қисми дигари хок барои пушонидани партовгоҳ баъд аз тамом шудани муҳлати истифодаи он истифода бурда мешавад.

Чуқурии миёнаи сатҳи партовгоҳ 4 метрро ташкил дода, хоки он мустаҳкам карда мешавад. Барои муҳофизати чуқурӣ аз обҳои зери заминӣ ва ҳифзи хок аз таъсири партовҳои сахти маишӣ сатҳи он бо лойи ғафсиаш 0,3 метр пӯшонида мешавад. Қобилияти обгузаронии қабати пӯшонидашудаи лой набояд аз 0,001м/шабонарӯз зиёд бошад. Ғунҷоиши чукурии пешбинигардида 175x10x4 метрро ташкил дода, дар сурати дуруст истифода бурдани он 7000 м3 партовҳои сахти маиширо ғунҷонида метавонад.

Барои истифодаи самараноки партовгоҳ ва ташкили дурусти кор иҷрои корҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст:

- бо риояи меъёрҳои сохтмонӣ ва санитарию экологӣ кандани чукурии партовгоҳ;
- то ҳудуди партовгоҳ ва атрофи он бунёд намудани роҳҳои автомобилгард;
- ташкили объектҳои хоҷагидорӣ аз қабили хонаи танзимгар, мустароҳ, анбор барои нигоҳдории хлор, об ва рӯшноии ҳудуди партовгоҳ;
- барои чорабиниҳои муҳофизат аз сел истифода кардани қисми хоки чуқурӣ;
- дар ҷуқурӣ ҷойгир намудани партовҳои сахти маишӣ ва пӯшонидани болои он бо хок;
- ташкили баҳисобгирии партовҳои ба ҳудуди партовгоҳ воридшаванда.

Ҳангоми фаъолияти партовгоҳ манбаи асосии партовҳо ба атмосфера партовҳои сахти маишӣ буда, бо гузашти вақти муайян ба атмосфера метан, диоксиди карбон, оксиди нитроген, аммиак, кселол, толуол, карбогидратҳо, бензол ва дигарон партофта мешаванд. Аз фаъолияти техникаҳо бошад ба атмосфера заррахои муаллақ, оксиди нитроген, оксиди карбон партофта мешавад.

Ба таснифоти микдории партовҳои моддаҳои зарарнок як қатор омилҳо таъсир мерасонад, аз ҷумла:

- шароитҳои иқлимӣ;
- майдони фаъоли партовгоҳ;
- муҳлати истифодаи партовгоҳ;
- микдори партовҳои партофташуда;
- технологияи гуркунии партовҳо;

- ғафсии қабати болопуши партовҳо;
- таркиби морфологии партовҳо;
- намнокии партовҳо;
- таркиби пайвастигии органики партовҳо;
- таркиби моддаҳои равғандор, карбогидратҳо ва сафедаҳо дар партовҳо.

Чорабиниҳои асосии камкунии микдори партовҳо ба атмосфера инҳо мебошанд:

- истифодаи техникаҳое, ки партовҳояшон ба талаботи меъёрӣ мувофиқанд;
- қатъиян роҳ надодан ба сузонидани партовҳо;
- пешгирии чангкунӣ дар партовгоҳ;
- гузаронидани рекултиватсияи қитъаҳои истифодашудаи партовгоҳ;
- бурдани мониторинги доимӣ аз болои фаъолияти партовгоҳ.

Бо назардошти риоя ва иҷрои чорабиниҳо дар бахши ҳифз ва беҳдошти муҳити зист, ҷойгиронӣ ва фаъолияти хоҷагидории иншооти мазкур ба муҳити атроф таъсири начандон назаррас дорад.

Бо мақсади ҳифз ва беҳдошти муҳити зист супоришҳои зерин барои иҷро пешниҳод карда мешавад:

• ҳангоми фаъолияти хоҷагидории иншоот меъёр ва талаботҳои қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши ҳифз ва беҳдошти муҳити зист қатъиян риоя карда шавад;

• ҳудуди санитарию муҳофизатии партовгоҳ аз марзи манзилҳои истиқоматӣ то партовгоҳ тибқи ҳуҷҷати меъёрӣ (СНиП 11-60-75) бояд аз 500 метр зиёд муайян карда шавад;

• дар ҳудуди партовгоҳ барои ба партовгоҳ ворид нагаштани шахсони бегона, дар ҷойи муайян партофтани партовҳо, нигоҳ доштани партовҳо аз оташ ва амсоли онҳо лавҳаҳо гузошта шавад;

• дар баромадгоҳи партовгоҳ ҳавзи безараргардонии автомашинаҳои партовкашон бо андозаи 8х3х0,3м бунёд карда шавад;

• дар партовгоҳ ҷудо намудани партовҳои такроristифодашаванда ба роҳ монда шавад;

• нусхаи хулосаи мазкур ба шуъбаи хифзи муҳити зисти ноҳияи Данғара манзур карда шавад;

• талаботҳои безараргардонӣ ва гуркунии партовҳо риоя карда шавад.

• иҷозатнома (литсензия) дар бораи фаъолият оид ба муносибат бо партовҳои хатарнок аз мақомотҳои дахлдор гирифта шавад.

Назорат аз болои риояи конунгузорихои Чумхурии Точикистон дар бахши хифз ва бехдошти мухити зист ба зиммаи шуъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Данғара гузошта шавад.

Экспертизаи давлатии экологии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи ҶСК«Сангтуда-1»-и ноҳияи Данғараро оид ба фаъолият, ҷамъоварӣ, кашонидан, ҷойгиркунӣ ва безараргардонии партовҳои истеъмолӣ ва истеҳсолӣ, бо назардошти иҷрои қатъии супоришҳои дар боло зикрёфта мувофика менамояд.

Эксперт: Саидурфони Қ.